# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600–Иқтисодиёт (6D050607–Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика).**

Парвандаи аттестатсионии №
Қарори шурои диссертатсионӣ, аз 13.05.2026, №12

Барои сазовор донистани Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600–Иқтисодиёт (6D050607–Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика).

Диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ( 734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №11) 6-уми марти соли 2026, суратмаҷлиси №11 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло 6-уми майи соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик. Соли 2009 ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дохил шуда, онро соли 2014 бо ихтисоси технология ва таҷҳизотҳои истеҳсолоти наххои табиӣ хатм намудааст. Аз соли 2014 то 2016 дар шуъбаи магистратураи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ таҳсил намуда, онро аз рӯи ихтисоси менеҷменти истеҳсолӣ хатм намудааст.

Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло бо фармоиши ректори ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ аз 20 сентябри соли 2022, №711-3/4 ба ҳайси докторант аз руйи ихтисоси (PhD) дар кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётӣ дохил шуда, онро соли 2025 хатм намудааст. Дар марҳилаи омода намудани диссертатсия Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло доктори фалсафа (PhD) кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётӣ ба шумор мерафт.

Номбурда, солҳои 2016 то ин ҷониб дар шуъбаи таълим ба ҳайси мутахассис (омор) кор ва фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётӣ Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ**: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётӣ Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Ҳамроев Фузайлӣ Маҳмадалиевич.

**Муқарризони расмӣ:** Абдуғаффор Рауфӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Файзуллоева Сарвиноз Ҷумаевна номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа - номзади илмҳои техникӣ, саромӯзгори кафедраи нақлиёти автомобилӣ Холов Н.Ш., эксперт - номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи нақлиёти автомобилӣ Ҷалолзода Д.С., доктори фалсафа (Phd), аз руйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606-иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётӣ), мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи мазкур Шамсов Ҷ.И., котиби илмии ҷаласа - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи нақлиёти автомобилӣ Ашуров Н.А. имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), аз руйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи

**Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Сайфуллоева О.М. Механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти мусофиркашонӣ тавассути микроавтобусҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / О.М. Сайфуллоевна, Ф.М. Ҳамроев Ф.М., Ф.С. Гадоева// Паёми политехникӣ. Бахши Интеллект, Инноватсия, Инвеститсия. Душанбе – 2023, - №2(62). - С.52-58.

[2-М]. Сайфуллоева О.М. Таксиҳои хатсайри дар низоми нақлиёти мусофиркашонии шаҳри Душанбе [Матн] / О.М. Сайфуллоева// Паёми политехникӣ: Бахши Интеллект. Инноватсия. Инвеститсия.-2024. Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. - №1.(65). - С.93-97.

[3-М]. Сайфуллоева О.М. Таҳлили ҳолати муосир ва рушди нақлиёти мусофиркашонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе [Матн] /О.М. Сайфуллоева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикстон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2025 №5. С.141-151. ISSN: 2413-5151.

[4-М]. Сайфуллоева О.М. Амсилаи иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва пешгӯии онҳо дар шаҳри Душанбе [Матн] / О.М. Сайфуллоева, Ф.М. Ҳамроев // Номаи донишгоҳ, МДТ. “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. 2025 №1(72). С.59-66. ISSN: 2077-4974.

[5-М]. Сайфуллоева О.М. Таҳлили ҳолати кунунӣ ва рушди ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе [Матн] / О.М. Сайфуллоева, Ф.М. Ҳамроев // Паёми политехникӣ. Бахши Интеллект, Инноватсия, Инвеститсия. 2025 №1(69). С.65-76. ISSN: 2520-2235.

[6-М]. Сайфуллоева О.М. Тадқиқоти селаи мусофирон дар хатсайрҳои микроавтобусии шаҳри Душанбе ва роҳҳои баландбардории сифати хизматрасонӣ дар онҳо [Матн] / О.М. Сайфуллоева, Ф.М. Ҳамроев, Ф.С. Гадоева // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе: ДДТТ, 2025. - №2 (57). С.410-417. ISSN: 2308-054X.

## II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриёҳои дигари илмӣ:

[1-М]. Сайфуллоева О.М. Проблемаҳо ва самтҳои асосии рушди соҳибкорӣ дар самти мусофиркашонӣ тавассути микроавтобусҳо ба аҳолии шаҳри Душанбе [Матн] / Ф.М. Ҳамроев, О.М. Сайфуллоева // Конференсияи ҷумҳуриявии VIII илмӣ амалии донишҷӯён, магистрантҳо ва аспиранту унвонҷӯён таҳти унвони “ИЛМ-АСОСИ РУШДИ ИННОВАТСИОНӢ”. – Душанбе,2023с.- С.298-300.

[2-М]. Сайфуллоева О.М. Рақамикунонии соҳаи нақлиёт ва логистика:прблемаҳои мавҷуда ва самтҳои рушд [Матн] / Ф.М. Ҳамроев, О.М. Сайфуллоева // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Масоили мубрами гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – Душанбе, -2024. - С.218-220.

[3-М]. Сайфуллоева О.М. Логистикаи мусофирбарӣ дар нақлиёти

ҷамъиятӣ барои шароити табдил (транформатсия)-и рақамии низоми ташкили хизматрасонии нақлиётии шаҳри Душанбе [Матн] / Ф.М. Ҳамроев, Ф.С. Гадоева, О.М. Сайфуллоева // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Масоили мубрами гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". – Душанбе, -2024. - С.220-223.

[4-М]. Сайфуллоева О.М. Приоритетные направления развития рынка транспортных услуг Республики Таджикистан [Текст] / Ф.М. Хамроев, Ф.С. Гадоева, О.М. Сайфуллоева // Проблемы транспортной отрасли и путы его решения. – Душанбе, - 2024. – С. 49-63.

[5-М]. Сайфуллоева О.М. Тадқиқи сифати мусофиркашонӣ дар хатсайрҳои микроавтобусии шаҳри Душанбе [Текст] / Ф.М. Хамроев, Ф.С. Гадоева, О.М. Сайфуллоева // Маводи конференсияи байналмилалии X-уми илмию амалии "ИЛМ-АСОСИ РУШДИ ИННОВАТСИОНӢ" бахшида ба бистсоли омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, 17-18 апрели соли 2025с. – Душанбе: ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ.– С. 27-35. РИНС.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** доктори илмхои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ Донишгоҳи (Славяни) Россия ва Тоҷикистон Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмй ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби докторант эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Дар автореферат ба арзёбии хусусиятҳои таҷрибаи хориҷии механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳрҳо диққати махсус дода шудааст мутаассифона, пешниҳодҳо нисбати истифодаи ин таҷриба ҳангоми такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе сурат нагирифтааст.

2. **Тақризи** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, д.и.и., дотсенти кафедраи технологияҳои рақамӣ-коммуникатсионии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" Сайдуллоев Умедҷон Уктамович низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии докторант ду эрод манзур шудааст:

1. Дар автореферат натиҷаи таҳлили натиҷаҳои коркарди амсилаи иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе мавриди таҳқиқи пурра қарор нагирифтааст.

2. Ҳангоми баҳодиҳӣ бартарияти истифодаи натиҷаҳои сифати кори микроавтобусҳо дар хатсайрҳои шаҳри Душанбе пешниҳод нагардидааст.

3. **Тақризи** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Раҷабов Комрон Раҷабович дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст:

1. Дар автореферат диққати асосӣ ба омузиши асосҳои методӣ ва принсипҳои ташкили идоракунӣ ва масоили ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шароити рушди инноватсионӣ дода шудааст. Мутаасифона , роҳҳои бартараф кардани баъзе аз масоилҳо дар шароити муосири рушди иқтисодиёти шаҳри Душанбе арзёбӣ нагардидааст.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзе аз мафҳумҳо ва пешниҳодҳо ба пуррагӣ кушода ва шаҳр нашудаанд.

**4.** Дар **тақризи** номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи иқтисодиёти рақамии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон Шарифова Дилором Мустафоқуловна автореферати диссертатсия ҷавобгӯйи талабот ва муқаррароти мавҷуда ва довталаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда маънидод гардида, ба нуқтаҳои такмилталаби зерин ишора шудааст:

1. Дар автореферат ба арзёбии муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба раванди ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе дар шароити муносибатҳои бозорӣ диққати махсус дода шудааст.Мутаасифона, дар автореферат пешниҳодҳо нисбати баҳодиҳии сифати кори микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ба тариқи пурра сурат нагирифтааст.

2. Инчунин, дар автореферат на ҳамаи паҳлуҳои механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳангоми хизматрасонии нақлиётӣ дар шаҳрҳо дида баромада шудааст.

**5. Тақризи** доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Термиз, Ҷумҳурии Узбекистон Гадоев Сухроб Джумақулович низ мусбат буда эродҳои зерин нисбат ба автореферати диссертатсия ҷой доранд:

1. В первой главе, при рассмотрении зарубежного опыта организации городского транспорта, автору следовало бы уделить больше внимания опыту успешных городов стран СНГ- в частности, Алматы, Ташкента и Бишкека,- поскольку условия этих городов ближе к социально-экономическим реалиям Таджикистана.

(Дар боби аввал, ҳангоми баррасии таҷрибаи хориҷии ташкили нақлиёти шаҳрӣ, муаллиф бояд ба таҷрибаи шаҳрҳои муваффақи давлатҳои ИДМ, аз ҷумла Алмаато, Тошканд ва Бишкек диққати бештар медод, зеро шароити ин шаҳрҳо ба воқеиятҳои иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон наздиктар аст.)

2. Экологическое воздействие микроавтобусных перевозок- одна из актуальных проблем- могло бы быть освещено более подробно, особенно с учётом задач “зелёной экономики” и Программы развития электрического транспорта республики.

(Таъсири экологии ҳамлу нақли микроавтобусҳо - яке аз мушкилоти мубрам ба ҳисоб меравад ва хуб мешуд муфассалтар, хусусан бо назардошти

вазифаҳои "иқтисоди сабз" ва Барномаи рушди нақлиёти барқии ҷумҳурӣ бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифт.)

3. В третьей главе рекомендации относительно экономической эффективности внедрения предложений (анализ затрат и выгод) могли бы быть подкреплены более конкретными расчётными данными.

Дар боби сеюми тавсияҳо оид ба самаранокии иқтисодии татбиқи пешниҳодҳо (таҳлили хароҷот ва фоида) хуб мебуд, агар бо маълумотҳои мушаххаси ҳисоббарорӣ пурра мегардид.

**6. Тақризи** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграри Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода Искандар Ҳусейн низ дар маҷмӯъ мусбат буда дар он эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Дар автореферат дар сатҳи зарурӣ таҳлили вазъи муосири ҳамлу нақли мусофирон ва раванди ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе мавриди тадқиқи пурра қарор дода шудааст. Новобаста ба ин, нақши на ҳамаи корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбари микроавтобусӣ дар шаҳри Душанбе пурра баҳо дода шудааст.

2. Ҳангоми арзёбӣ на ҳамаи паҳлуҳои стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз ҷониби довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- ҷанбаҳои назариявӣ-методии мавқеи мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ таҳлил, принсипҳо ва методи ташкили идоракунии ҳамлу нақли автомобилӣ дар шаҳр ба таври аниқ муайян карда шуда, дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташкили идоракунии мусофирбарии автомобилӣ вазифаҳои асосии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва нақши онҳо дар беҳтаргардонию дастгирии намуди нақлиёти мазкур дар шаҳри Душанбе аниқ карда шуда, таърифи муаллифии ҳамлу нақли мунтазами мусофирон бо микроавтобус дар шаҳр пешниҳод карда шудааст;

- ҳолати муосир, рушди имкониятҳо ва ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе бо назардошти арзёбии асосҳои консептуалии рушди нақлиёти ҷамъиятӣ, раванди мусофирбарӣ, омилҳои асосии таъсиррасон ба кори намудҳои гуногуни нақлиёт, аз ҷумла мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ба таври муфассал дар шаҳри Душанбе мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

- стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо, инчунин амсилаи иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе бо назардошти омилҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи талаботи мусофирон коркард ва татбиқ қарда шудааст;

-самтҳои асосии ташкили идоракунии ҳамлу нақл бо микроавтобусҳо дар шаҳр, муносибгардонии шабакаи хатсайрҳо ва системаи идоракунии хизматрасониҳои нақлиётӣ таҳия, механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ин самт муайян ва пешниҳод карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ:** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар васеъгардонии ҷанбаҳои таҳқиқи илмию назариявии самаранокии ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо зоҳир гардида, ҷиҳати татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва баландбардории самаранокии ташкили идоракунии онҳо метавонад заминаҳои боэътимод гузорад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки натиҷаҳои алоҳидаи илмӣ - амалии таҳқиқотро дар мактабҳои олӣ дар ҷараёни таълими фанҳои бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ, иқтисодиёти корхонаи нақлиёти автомобилӣ, маркетинг дар нақлиёт, менеҷмент дар нақлиёт, банақшагирӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, логистикаи нақлиётӣ, ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти автомобилӣ, иқтисодиёти соҳа инчунин дар ташкил ва гузаронидани курсҳои махсуси таълимӣ истифода бурдан мумкин аст **(маълумотномаи №27/781/ аз 12.07.2025).**

Ҳамзамон натиҷаҳои бадастомада дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муассисаҳои нақлиёти мусофирбари шаҳр бо шаклҳои гуногуни моликият ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар заминаи қабули қарорҳо оид ба рушди системаи нақлиёти мусофирбари шаҳр ва системаи идоракунии хизматрасонии он амалан татбиқ шуданд. Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, барои татбиқ дар фаъолияти амалии МД «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ» **(маълумотномаи №139/1 аз 29.07.2025)** ва МД «Душанбенақлиётхадамотрасон» **(маълумотномаи № 371 аз 18.09.2025)** қабул карда шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо далелҳои методологии рисолаҳои назариявии кори диссертатсия, таҳлили интиқодии адабиёти махсус оид ба масъалаҳои беҳтар кардани самаранокии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳр, истифодаи усулҳои муосири тадқиқот, инчунин санҷиши натиҷаҳои тадқиқот дар конфронсҳои илмию амалӣ бо нашр намудан дар маҷаллаҳои илмии пешқадам таъмин карда мешавад.

- **муайян гардидааст**, ки дар замони муосири босуръат афзоиш ёфтани аҳолии шаҳри Душанбе самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ ва инфрасохтори он бевосита аз сатҳу сифати мусофирбарӣ ва дараҷаи ташкили идоракунии он сахт алоқаманд мебошад. Таҳлил ва арзёбии дар таҳқиқот доиргардида имкони муайян намудани мақом ва нақши ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро дар системаи нақлиёти ҷамъиятии шаҳр дар шароити рушди инноватсиониро дод. Аз таҳқиқот бармеояд, ки имрӯз вазни қиёсии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе 65%-ро ташкил намуд, ки хеле зиёд мебошад.

- **муайян карда шудааст**, ки имрӯз дар шаҳри Душанбе дар раванди мусофирбарӣ ва арзёбии масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилии масоили зиёд мавҷуд аст ва ҳалли онҳоро мо саривақтӣ мешуморем. Инчунин, дар диссертатсия асосҳои методӣ ва принсипҳои ташкили идораи нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ микроавтобусӣ дар шаҳрҳо ҳамчун объекти таҳқиқ қарор дода шуда, сабабҳои асосии номукаммалии он ошкор ва масоили мавҷуда ҳангоми ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳр тавсиф гардидааст.

- **исбот гардидааст**, ки сифати мусофирбариҳои шаҳрӣ бо назардошти муайянсозии омилҳои таъсиррасон ба механизми ташкили идоракунӣ бо микроавтобусҳо, омилҳои ба сатҳи ҳамлу нақли мусофирбарии автомобилии шаҳрӣ таъсиррасонанда, инчунин, гузаронидани таҳқиқоти селаи мусофирон дар хатсайрҳои микроавтобусии шаҳрӣ баҳо дода мешавад.

- **муайян карда шудааст**, ки таъмини рушди соҳибкорӣ дар соҳаи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар асоси истифодаи механизми шарикии давлатию бахши хусусӣ ва роҳандозии ҳалли вазифаҳои мухталиф имконпазир буда, истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти ҳамлу нақли мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо барои ҷалби сармояи иловагӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳо ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёт дар шаҳри Душанбе зарур дониста мешавад.

- **пешниҳод гардидааст**, ки такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ва самаранокии фаъолияти онро бо мутобиқгардонии шабакаи хатсайрҳо ва системаи ташкилу идораи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар қаламрави шаҳр, фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои ба роҳ мондани мусофирбарии корпоративӣ, такмил ва

рушди системаи ягонаи рақамикунонидаи ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар асоси истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, амалигардонии ҳатмӣ ва рушди системаи ягонаи пардохти электронии ҳаққи роҳкиро дар нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе, аз он ҷумла дар самти мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо, муайянсозии параметрҳои асосӣ ва ояндадори мусофирбарӣ тавассути микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе то давраи то соли 2030, инчунин арзёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири замонавӣ бо микроавтобусҳо ва ғ.ноил гардидан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда таҳқиқоти муаллиф мебошад, ки ҳамаи давраҳо бо иштироки бевоситаи он бо назардошти дастовардҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ сурат гирифтааст. Муаллиф мавзуи таҳқиқотро ба таври мустақил интихоб намуда, муҳиммият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро илман асоснок кардааст ва нақшаи амалиёти таҳқиқотиро тартиб додааст. Унвонҷӯ дар самти ҷамъоварии маводи мавзуи таҳқиқотӣ мустақилият нишон дода, онро коркард ва таркиббандӣ намудааст. Ташаккули стратегияи рушд, инчунин амсиласозии иқтисодию риёзии муайянсозии талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо натиҷаҳои бадастовардаи шахсии муаллиф мебошанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 13 майи соли 2026 қарори сазовор донистани Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло бо дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600–Иқтисодиёт (6D050607–Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) қабул карда шуд. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Раиси
шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Раҳимзода Ҳ.Р.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
н.и.и. — Қодирзода Н.Ҳ.

13 майи соли 2026

**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

аз 13-уми майи соли 2026 ш.Душанбе

Суханронии Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика ), тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, суханронии муқарризони расмӣ Абдуғаффор Рауфӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Файзуллоева Сарвиноз Ҷумаевна, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ – д.и.и., профессор Давлатзода Қ.Қ., д.и.и., профессор Бобоев О., д.и.т., дотсент Сайдализода А.С -ро шунида , баррасӣ карда шурои диссертатсиони дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1.Диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика ) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2.Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3.Ба Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика ) дода шавад ;

4.Барои додани дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва

логистика ) ба Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло аз Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор –10 нафар.Муқобил – нест.Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси
шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор Раҳимзода Ҳ.Р.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
н.и.и. Қодирзода Н.Ҳ.

13 майи соли 2026